Замимаи 1

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «31»майи соли 2012, №291
тасдиқ шудааст

Низомномаи
Комиссияи ҷумҳуриявии мусоидати барӯйхатгирии кишоварзии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи мазкур мақоми ҳуқуқӣ, тартиби таъсис ва фаъолияти Комиссияи ҷумҳуриявии мусоидати барӯйхатгирии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро (минбаъд – Комиссия) муайян менамояд.

2. Комиссия мақоми ҳамоҳангсоз буда, бо мақсади роҳбарӣ ва ҳамоҳангсозии корҳои омодагӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

3. Комиссия фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур амалӣ менамояд.

2. Ҳайат ва ташкили фаъолияти Комиссия

4. Комиссия 40 аъзо, аз ҷумла Раис, муовин ва котиб дорад.

5. Ҷаласаҳои Комиссия ҳамон вақт баргузоргардида ҳисобида мешаванд, ки агар дар онҳо на камтар аз 50 фоизи ҳайат иштирок намоянд.

6. Қарори комиссия бо овоздиҳии на камтар аз се ду ҳиссаи иштирокчиёни ҷаласа қабул карда мешаванд.

7. Комиссия аз рӯи зарурат, вале на камтар аз як маротиба дар се моҳ даъват карда мешавад.

8. Раис, муовин ва аъзои Комиссия ӯҳдадориҳои худро бе пардохти музди меҳнат иҷро менамоянд.

3. Вазифаҳо ва ӯҳдадориҳои асосии Комиссия

9. Вазифаҳои асосии Комиссия аз инҳо иборатанд:

- ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, вобаста ба масъалаҳои барӯйхатгирии кишоварзӣ;

- назорати иҷрои чорабиниҳои омодагӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзӣ;

- расонидани ёрии амалӣ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзӣ;

- тасдиқи Барномаи барӯйхатгирии кишоварзӣ.

10. Комиссия ӯҳдадориҳои зеринро иҷро мекунад:

- чорабиниҳоро оид ба ташкил ва гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзӣ, коркард ва паҳн намудани натиҷаҳои маълумоти дастрасшуда ҳамоҳанг месозад;

- фаъолияти комиссияҳои минтақавии барӯйхатгирии кишоварзиро ҳамоҳанг месозад;

- принсипҳои ташкилии гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзӣ ва Барномаи онро баррасӣ ва тасдиқ менамояд;

- рафти иҷрои чорабиниҳои вобаста ба бехатарӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар давраи гузаронидани барӯйхатгирӣ, инчунин оид ба оммавӣ гардонидани маълумоти барӯйхатгирии кишоварзиро арзёбӣ менамояд;

- рафти гузаронидани чорабиниҳоро оид ба ҷалби маблағҳои молиявӣ барои пӯшонидани хароҷоти омодагӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзӣ баррасӣ менамояд;

- маълумотро оид ба натиҷаҳои барӯйхатгирии санҷишии кишоварзии гузаронидашуда баррасӣ намуда, дараҷаи омодагиро барои гузаронидани бевоситаи барӯйхатгирии асосӣ муайян менамояд;

- мониторинги корҳои гузаронидани барӯйхатгирӣ ва марҳилаҳои коркарди маълумотро амалӣ менамояд.

## 4. Ҳуқуқҳои Комиссия

11. Комиссия ҳуқуқҳои зерин дорад:

- аз вазоратҳо, идораҳо ва дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ пешниҳоди маълумоти зарурии вобаста ба иҷрои чорабиниҳои омодагӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзӣ ва пешниҳодҳоро барои ҳалли масъалаҳои пайдошуда талаб намояд;

- бо ташкилотҳои байналмилалӣ ҷиҳати ҷалби маблағҳо барои пӯшонидани хароҷоти вобаста ба омодагӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзӣ ҳамкорӣ намояд.

## 5. Давраи фаъолияти Комиссия

12. Комиссия дар давоми тамоми давраи омодагӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии кишоварзӣ (солҳои 2012-2014) дар ҷумҳурӣ амал мекунад.